«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.

« 03 » 2023с.

**ИҚТИБОС АЗ СУРАТҶАЛАСАИ № 02**

ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз 30 сентябри 2023с. ш. Душанбе

**Раисикунанда:** Нуриддинов Сунатулло Зубайдуллоевич - н.и.и., мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ.

**Котиб:** Шодиев Фирдавс Тошматович - н.и.и., дотсент, муовини декан оид ба илми факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ.

**Иштирок намуданд:** н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А., н.и.и., дотсент Шодиев Ф.Т., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., н.и.и., дотсент Урунбаева Н.А., н.и.и., муаллими калон Исайнова М.Ҳ., муаллими калон Нурублоева М.М., ассистент Расулзода Ҳ.М., ассистент Файзулоев Ҳ.П., н.и.и., дотсент Давлатов Х.М., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н., н.и.и., дотсент Убайдуллозода Ф.У., н.и.и., муаллими калон Қудратова Ф.Р., муаллими калон Азизқулов Б.Ҷ., муаллими калон Пирова М.А., ассистент Сафаров Ш.Ш., ассистент Қурбонализода Д. ва унвонҷӯён.

Мутахассисони даъватшуда аз Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., профессор Бегматов А.А.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич мебошад.

**Шунида шуд:** Оиди масъалаи мазкур унвонҷӯ Намозализода Шафқат Намозалӣ баромад намуда, доир ба мазмун ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии ба муҳокима пешниҳодшуда маълумот дода, аз ҷумла қайд намуд, ки таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣи худӣ яке аз мушкилоте мебошад, ки дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти ҷаҳони муосир аксари мамлакатҳои олам аз он изҳори нигаронӣ мекунанд. Ин мушкилот аз як ҷониб ба сатҳи зиндагии бештари аҳолии мамлакат хатарҳо ворид кунад, аз ҷониби дигар вазъи воқеӣ ва холати рушди истеҳсолоти кишварро инъикос мекунад. Бештари мамолики рӯ ба тараққӣ ҳалли мушкилоти номбурдаро дар рушди истеҳсолоти агросаноатии ватанӣ мебинанд. Ҷумҳурии мо низ аз ҷумлаи чунин кишварҳо маҳсуб меёбад. Аҳолии ҷумҳурӣ дар 62 соли охир зиёда 4,9 марротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар ин айём зиёд гардид, ки он мушкилоти таъмини ҷойҳои кориро ба миён овардааст. Аммо дар ин муддат майдони замини кишти зироатҳои кишоварзӣ ҳамагӣ 15,4 % афзоиш ёфтааст. Ҳамасола дар кишварамон корхонаҳои наву замонавӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Аммо як қисми корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳолати начандон хуби молиявию истеҳсолӣ қарор дошта, низоми дурусти идоракуниро соҳиб нестанд, ки дар натиҷа қисми зиёди маҳсулоти кишоварзӣ мавриди коркард қарор дода намешавад.

Дар бозори маҳсулоти озуқаворӣи кишвар маҳсулоти истеҳсолоти корхонаҳои аграрию саноатии ҷумҳурӣ аз лиҳози миқдор ва сифати маҳсулоти озуқаворӣ ба қадри имкон рақобатпазир набуда, сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳудудҳои муқарраршуда поёнтар қарор дорад. Яъне истеҳсолоти ватанӣ дар бахши корхонаҳои агросаноатӣ аз нигоҳи муҷаҳҳаз будан бо технологияи муосир ва истеҳсоли маҳсулоти босифат, ба рақобати ҳамтоёни хориҷии худ тобовар нестанд. Норасогии сармоягузориҳо барои навкунии сармояи асосии корхонаҳои агросаноатии ватанӣ мушкилоти дигаре мебошад, ки ба рушди истеҳсолоти агросаноатии кишвар ва манотиқи он таъсири мустақим дорад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар мавриди минтақаҳои кишвар ва рушди мутавозини онҳо бахши алоҳида ҷудо гардидааст, ки дар ин ҳуҷҷати муҳим самти калидии сиёсати минтақавии давлатӣ ин беҳтаргардонии сатҳи худтаъминии аҳолии манотиқи кишвар бо маҳсулоти озуқаворӣи худӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии деҳот маҳсуб меёбад. Дар ин раванд нақши боризро ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои агросаноатии кишвар мебозанд. Ҳамчунин, омӯзишу бозомӯзии кадрҳои корхонаҳои агросаноатӣ низ аз омилҳои ба ин раванд таъсирбахш ба ҳисоб меравад. Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои бузурги агросаноатии кишвар ба ҳисоб рафта, дар маҷмуъ 33,9% маҳсулоти соҳаи

кишоварзии ҷумҳуриро истеҳсол мекунад ва имконоти зиёдро дар мавриди таъмини корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хом доро мебошад. Вилояти мазкур аз ду минтақаи агросаноатӣ - Бохтару Вахш ва Кӯлоб иборат мебошад. Махсусан, дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар ҳалли мушкилоти номбурда дар доираи манотиқи кишвар, аз ҷумла дар минтақаи агросаноатии Кӯлоб зарурати омӯзиш, таҳлилу арзёбӣ ва пешбурди корҳои илми таҳқиқотиро оид ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба миён овардааст, ки ҳамзамон муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро инникос мекунад.

Дар рафти ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён: д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А., н.и.и., дотсент Урунбаева Н.А., н.и.и., дотсент Давлатов Х.М., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н., н.и.и., дотсент Убайдуллозода Ф.У. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба саволҳои онҳо Намозализода Шафқат Намозалӣ ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ н.и.и., дотсент Тағоев Ҷумъахон Ҳамроевич баромад намуда, оид ба фаъолияти педагогӣ ва илмии Намозализода Шафқат Намозалӣ суханронӣ намуда, иброз доштанд, ки унвонҷӯ қобилияти хуби педагогӣ ва эҷодӣ дошта, рисолаи мазкур ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, барои марҳилаҳои баъдии ташхиси пешакӣ дар шурои диссертатсионӣ тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуанд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Сипас, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент Нуриддинов С.З. ва н.и.и., профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бегматов А.А. баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур инчунин, н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А., н.и.и., дотсенти кафедраи молия Оймаҳмадов Г.Н., н.и.и, муаллими калони кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ Урунбоева Н.А. баромад намуда тавсияҳо ва пешниҳодоти худро барои беҳтар намудани рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳимияти мавзуи таҳқиқотиро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявию услубӣ ва амалии мавзӯи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Намозализода Шафқат Намозалӣ муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон саҳми назаррас мегузоранд, нигаронида шаванд.

Намозализода Шафқат Намозалӣ ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал доданд. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоқикистон, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Баромади Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи "Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)", ки барои дарфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, тақризҳои муқарризони расмӣ Нуриддинов С.З. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Бегматов А.А. – н.и.и., профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва хулосаи роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич ба инобат гирифта шавад;
2. Диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи "Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.03. - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267" тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
3. Диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи "Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.03. - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 22 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 13- нафар, Зид - нест, Бетараф - нест.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, протоколи № 2 аз «30» сентябри соли 2023 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нуриддинов С.З.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсент муовини декан оид ба илми факултети иқтисод ва бизнес Шодиев Ф.Т.

Имзоҳои **Нуриддинов С.З.** ва **Шодиев Ф.Т.** -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. Шарипов У.А.

Ҷ.М.

______________
(сана)

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ